# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)- и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Риоев Акобир факултаи технология ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро соли 2011 бо ихтисоси «технология ва соҳибкорӣ» хатм намуда, давоми солҳои 2010 - 2012 ба сифати омӯзгори технология (таълими меҳнат) - и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7, солҳои 2012 - 2015 омӯзгори технология (таълими меҳнат) – и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 - и ноҳияи И.Сомонӣ ва аз соли 2015 то ба имрӯз ҳамчун омӯзгори калони кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика ва омӯзгори калони кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф фаъолият дорад.

Дар муддати фаъолияти корӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№7,10 ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Риоев Акобир худро ҳамчун мутахассиси донишманду масъулиятнок нишон дода, дар таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба омӯзишу парвариш, методикаи таълими фанни технология (таълими меҳнат) ва умуман педагогика ҳавасмандӣ дорад.

Махсусан истеъдоду маҳорати ӯ дар таҳқиқи масъалаҳо вобаста ба роҳҳои самаранок истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳои технология (таълими меҳнат), технологияи таълими фаъол ва истифодаи самараноки он дар раванди таълими технология (таълими меҳнат) сазовори ситоиш мебошад. Дар муддати 14 соли фаъолияти корӣ дар самти таълиму тарбияи насли наврас ва баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон ба ҳайси омӯзгор/муҳаққиқ корҳои илмию методӣ ва таълимии зиёдро ба сомон расонида, дар тарбияи хонандагони дорои салоҳият муваффақ гардидааст.

Қобили тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Риоев Акобир Мирзоевич чи ҳангоми дар муассисаи таълимӣ ба корҳои таълиму тарбия машғул гардидан ва чи дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) машғулият гузаронидан фаъолиятҳои амалии фанҳои мазкур дар асосу заминаи

мисолу намунаҳо сурат гирифта, заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Муҳим будани мавзуи диссертатсия вобаста ба он аст, ки дар ҷомеаи муосир истифода аз равандҳои технологияи инноватсионии таълим, дар асоси дастовардҳои технологияи таълими фаъол мувофиқи талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ баробар намудани он нигаронида шудааст. Истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз масоили муҳими таҳсилот буда, ба хонандагон имкони омӯхтани беҳтарро фароҳам меорад.

Омӯзиши масъалаи мазкур аҳамият ва арзишмандии хосаро фаро гирифта, барои ҳалли бисёр масъалаҳои муҳими таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат карда метавонад, зеро амалия исбот намудааст, ки дар раванди таълим истифодаи технологияи инноватсионии таълим имкони рушди салоҳиятҳоро дар хонандагон ба маротиб беҳтар мекунад.

Аз ин рӯ, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионии Риоев Акобир барои ҳалли масъалаҳои азхудкунии таълим ва таъмини сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бешак мусоидат карда метавонанд.

Мавсуф ҳангоми иҷрои тадқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонистаст. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур барои ташаккули салоҳиятҳои меҳнатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу озмоиши таҳқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ Риоев Акобир худро ҳамаҷиҳата ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм, баррасӣ ва таҳлил намояд, ҳамчунин методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқотҳои минбаъда муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Риоев Акоир оид ба проблемаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар 18 мақолаву дастурҳои илмӣ-методии нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла, 6 номгӯй дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикоси худро ёфтаанд.

Риоев Акобир солҳои 2018-2023 дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар доираи мавзуи илмӣ-тадқиқотиаш бо маърузаҳо баромад намудааст.

Дар баробари анҷом додани кори илмӣ-таҳқиқотиаш Риоев Акобир тариқи фаъолона ба корҳои омӯзишию парваришӣ бо мақсади такмилу рушди салоҳиятҳои касбӣ ва маҳоратҳои педагогии худ мунтазам машғул шуда, худро ҳамчун омӯзгори муваффақ дар равияи фанни технология (таълими меҳнат) нишон додааст.

Дар маҷмуъ муҳаққиқ Риоев Акобирро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки метавонад мустақилона аз иҷрои ҳаллу фасли супоришу вазифаҳои гузошташуда моҳирона бароядь.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ таҳқиқоти диссертатсионии Риоев Акобирро ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогика,
психология ва методикаи
таълими ДҶТИБКСМ М. Ғиёсиев

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

11.03.2025

"Имзои Ғиёсиев Меҳриддинро тасдиқ мекунам"

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОТИБОТ